# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 5 марти соли 2026, №9**

Бораи сазовор донистани Ташрифзода Фозил Қурбон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик).

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи “Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ) 25 декабри соли 2025, протоколи №31-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ташрифзода Фозил Қурбон 4-уми марти соли 1978 дар ноҳияи Данғара дар оилаи коргар таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 2000 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Ташрифзода Фозил Қурбон айни ҳол дотсенти кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедари таърихи халқи тоҷики факултаи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович.

Муқарризони расмӣ: Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад-доктори илмҳои таърих, иҷрокунандаи вазифаи профессор, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Равшанзод Маликфариддун-номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав” дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз, номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав Саидриддини Айниддин имзо шудааст, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 14 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Ҳамзамон, дар тақриз қайд мегардад, ки диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи “Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ташрифзода, Ф.Қ. Ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ [Матн] / Ф.Қ. Ташрифзода, Б.С. Асламов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №3 (98). – С.357-362.

[2-М]. Ташрифзода Ф. Қ. Таъсис ва инкишофи низоми таълим ва тайёр намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). – Душанбе, 2022. – №4 (48). – С.241-247.

[3-М]. Ташрифзода Ф. Қ.. Обеспечение наиональной безопасности Таджикистана: геополитический взгляд [Текст] / Б.С. Асламов Ф.К. Ташрифзода // Маҷаллаи илмии мактаби Олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №2 (4). – С.45-55.

[4-М]. Ташрифзода Ф. Қ.. Таъмини амнияти миллии Тоҷикистон: назари геополитикӣ ба он [Матн] / Б.С. Асламов, Ф.К. Ташрифзода// Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе, 2023. – №4 (4). – С.69-79.

[5-М]. Ташрифзода, Ф.Қ. Таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидхои навини олам [Матн] / Ф.Қ. Ташрифзода, Л.Х. Расулзод // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – Душанбе, 2024. – №4. – С.287-291.

[6-М]. Ташрифзода Қ.Ф..Создание и развитие системы обучения и подготовки кадров в органах внутренних дел [Текст] / А.К. Хусаинов, Ф.К. Ташрифзода // Вестник Таджикского национального университет. – Душанбе, 2024. – №11. – С.66-73.

[7-М]. Ташрифзода, Ф.Қ. Хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-илмӣ ва таҳқиқотии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Қ. Ташрифзода // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). – Душанбе, 2025. – №2 (58). – С.379-384.

[8-М]. Ташрифзода, Ф.Қ. Ташаккулёбии муассисаҳои таълимӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Қ. Ташрифзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (116). – С.302-308.

[9-М]. Ташрифзода Ф. Қ. Ҷангҳои иттилоотӣ дар меҳвари сиёсати абарқудратҳо [Матн] / Ф.Қ. Ташрифзода, Л.Х. Расулзод // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – Душанбе, 2025. – №4. – С. 273-280.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[10-М]. Ташрифзода Ф. Қ. Ташаккули мактаби сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солгаии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 ноябри соли 2022. – Душанбе, 2022. – С.179-183.

[11-М]. Ташрифзода Ф. Қ. Терроризм ва экстремизм: зуҳурот ва хатари он ба инсонӣ [Матн] / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба минтақаи Осиёи Марказӣ» ДДОТ ба номи С.Айнӣ бахшида ба 30-солгаии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 феврали соли 2023. – Душанбе, 2023. – С.98-103.

[12-М]. Ташрифзода Ф. Қ. Аҳаммияти умумиинсонии афкори фалсафии Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Берунӣ алломаи машриқзамин» ДДОТ ба номи С.Айнӣ бахшида ба 1050-солагаии А. Берунӣ, 20 майи соли 2023. – Душанбе, 2023. – С.185-189.

[13-М]. Ташрифзода Ф.Қ. Таъсис ва инкишофи низоми таълим ва тайёр намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ДДОТ ба номи С. Айнӣ бахшида ба 115-солгаии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров, 23 декабри соли 2023. – С. 197-200.

[14-М]. Ташрифзода Ф. Қ.. Давлати Сосониён: баъзе ҷанбаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии он [Матн] / Б.С. Асламов, Д.О. Ҳалимзода, Ф.Қ. Ташрифзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800-солагии таъсисёбии давлати Сосониён,

ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 26 апрели соли 2024. – Душанбе, 2024. – С.206-207.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. Набизода Ваҳоб Машраб-доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

2. Абдубасиров А.А.-номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати берунаи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Аслонов Ҳошимҷон-номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

4. Алишери Амирхон – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара.

Тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо эродҳо вуҷуд надоранд. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои ба дастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1- Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 - Таърихи ватанӣ) ва доир ба масъалаҳои гуногуни вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият **коркард карда шуд:**

- ***ошкор менамояд, ки*** тараққиёти босуръати илму техника дар назди мақомоти корҳои дохилӣ вазифа ва талаботҳои навро дар чаҳорчӯбаи «қонуният-инсон-технологияи муосир» пеш мегузорад. Дар ин асос Вазоратҳои дахлдор дар асоси талаботҳои замони муосир ва стандартҳои байналмилалӣ ба масъалаи омодасозии кадрҳо ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муҳим ва саривақтӣ меандешанд;

- ***пешниҳод шудааст, ки*** сохтори мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар марҳалаи гузариш ва ислоҳоти соҳавӣ қарор дорад. Дар санадҳои муҳимми ислоҳот, азнавсозии милитсия ва табдили он ба политсия аллакай тадбирҳо оид ба омӯзиш, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гашта истодаанд, ки низоми таҳсил дар муассисаҳои таълимии ВКД такмил дода шуда, ба омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони милитсия диққати махсус дода шавад;

*-исбот шудааст,* ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар заминаи Мактаби миёнаи махсуси милитсияи ВКД Мактаби Олии ВКД, Академияи ВКД, инчунин Коллеҷи милитсия ва Коллеҷи техникӣ-оташнишонӣ, ки дар омоданамоии кадрҳои милитсияи тоҷик саҳми назаррас доранд, таъсис дода шуданд

- *ҷорӣ намудани* натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи навтарин.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** мавзуи таҳқиқотӣ аз масъалагузориҳои мубрами имкониятҳои пешниҳоди мулоҳизаҳои муаллиф нисбат ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар бахши инкишофи маориф ва илми ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ, инчунин такмил ва таҳқиқи объективонаи таърихи МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Таҳқиқот аз лиҳози назариявӣ душвориҳо ва нопуррагии таърихи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз байн бурда, ҳамчун тадқиқоти маҷмӯӣ дар ин самт бори аввал дар таърихнигории миллӣ пешниҳод мегардад. Ҷиҳати дигари назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки рисола ва маводи он ҳамчун манбаи омӯзиши назариявии ду фанни таълимӣ «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон» хизмат намуда, донишҳои назариявиро дар ин самт васеъ мегардонад. Таҳқиқоти мазкур боиси ғанӣ гардидани донишҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, боиси пешрафту такмили МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ислоҳот ва навсозӣ мегардад. Дар рисолаи мазкур бори аввал афкори олимони тоҷик ҷамъоварӣ шудааст, ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқотиро қавӣ мегардонад;

- *баён шудани* таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ки решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар шароити муосир ба омӯзиши маҷмӯӣ, ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ ниёз доранд;

- *ошкор гардидани* таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС, раванди таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, даврабандӣ, омилҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти касбӣ дар низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои ислоҳоти милитсия то соли 2024.

- *омӯхта шудани* аҳаммияти муассисаҳои таълимии Мақомоти корҳои дохилӣ дар баланд бардоштани ташаккули худшиносӣ, ифтихорӣ миллӣ ва ватандӯстии кормандони МКД, нақши муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омода намудани кадрҳои касбии МКД мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

*-аз нав такмил додани* омӯзиши таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд:

*-коркард ва ҷорӣ карда шуданд:* натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маърӯза баён гардидаанд;

*- муайян карда шуд,* ки мавод, мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии низоми Вазорати корҳои дохилӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Маводи диссертатсия ҳамчунин, дар омӯзиши фанҳои таърихи халқи тоҷик (давраи Истиқлолият), таърихи милитсияи тоҷик, таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳамчунин дар машғулиятҳои факултативӣ бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқшиносӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд.

- *офарида шуд:* бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024) мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт;

*- муаррифӣ карда шуд:* рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ дар замони истиқлолият.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

*-ғояи* таҳқиқот дар заминаи ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ ва нишондиҳандаҳои марбут ба соҳаҳои маориф ва мақомоти корҳои дохилӣ вобаста буда, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ *асоснок шудааст;*

- *истифода шудаанд:* маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводи мақомоти ҳукуматӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки фаъолияти онҳо бевосита ба соҳаҳои маориф ва ВКД алоқамананд, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ;

*-муайян шудаанд:* масъалаи таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС ва даврони Истиқлолияти давлатӣ, даврабандии раванди таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, афзалияти фаъолияти муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба замони шуравӣ, омилҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти касбӣ дар низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳоиислоҳоти милитсия то соли 2024, бар асоси таҳлили меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ ва кишварҳои

пешрафта вижагиҳои мутобиқгардонии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳаммияти муассисаҳои таълимими МКД дар баланд бардоштани ташаккули худшиносӣ, ифтихорӣ миллӣ ва ватандӯстӣ кормандони МКД, нақши муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омода намудани кадрҳои касбии Мақомоти корҳои дохилӣ;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои гуногуни таҳқиқи маводҳои бойгонӣ, маводи ВАО ва асарҳои таърихӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши асосу далелҳо методҳои маъмули илми таърих, аз қабили айният, таҳлилӣ-муқоисавӣ, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ, усули масъалагузорӣ - солномавӣ ва ғайра истифода шудаанд. Дар доираи принсипи объективияти таҳқиқот хусусиятҳои таҳлилӣ мушаххас гардида, ҳаводиси таърихӣ воқеъбинона инъикос гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ-ин натиҷаи фаъолияти чандинсолаи муаллиф дар асоси таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои таърихӣ, маводи илмӣ-таълимӣ, бойгонӣ, нашриёти даврӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлилу баррасии масъалаҳо мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо саҳми шахсии худро гузоштааст. Муаллиф дар такя ба осори илмии таърихии давраҳои гуногун, аз ҷумла, Истиқлолияти давлатӣ андешаҳои хешро нисбат ба омодасозии кадрҳо дар низоми МКД баён намуда, хулосабарорӣ намудааст, ки масъалаи мазкур аз даврони шуравӣ комилан фарқ намуда, дар замони истиқлолият пешравиҳои назаррас ба вуҷуд омада, муассисаҳои таълимӣ рушд ва такмил ёфтанд.

Дар маҷлиси 5 марти соли 2026 (аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Ташрифзода Фозил Қурбон дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) 5 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих, дотсент — Муродзода А.А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа
(PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих — Мирзоев Ш.Ҷ.

5 марти соли 2026